# ХУЛОСАИ

**Шурой диссертатсионии 6D.KOA-O19-H назди Донишгохи миллим Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 25 майи соли 2024, таҳти №51,**

**бораи сазовор донистани Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 16 марти 2024 сол, суратмаҷлиси №47 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон 10 июли соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 аз руйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2017 то ба ҳол дар вазифаҳои гуногун дар мақомоти прокуратура фаъолият намудааст, аз соли 2017 то инҷониб унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти

экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгохи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

**Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия–Тоҷикистон;

– **Оралбоев Ҳамза Ҳайдарович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедари ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** «Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе)

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Сафарзода Ҳаёт Сайдамир, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ихтисос:12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, Котиби Шурои олимони Академияи ВКД ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия, Абдурашидзода А.А. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД ҶТ, подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т., имзо ва аз ҷониби, Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Насуриён П.А. санаи

25.04.2024 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорой мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, маколаҳои илмӣ ва маърузаӣ он дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзӯи диссертатсия ва моҳияти он, 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷу аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Саидзода, А.М. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объектии расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ [Матн] / А.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №7. – С. 216-219; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Саидзода, А.М. Моликият ҳамчун предмети расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ [Матн] / А.М.

Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №8. – С. 239-243; ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Саидзода, А.М. Суиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии расонидани зарари молумулкӣ [Матн] / А.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №1. – С. 213-216; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Назаров, А.К., Саидзода, А.М. Понятие обмана или злоупотребления доверием в контексте преступление причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием [Текст] / А.К. Назаров, А.М. Саидзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – №1. – С. 228-234; ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Саидзода, А.М. Отграничения причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием от смежных посягательств против собственности [Текст] / А.М. Саидзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – №1. – С. 215-234; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Назаров, А.Қ., Саидзода, А.М. Таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ [Матн] / А.Қ. Назаров, А.М. Саидзода // Материалы международной научно-практической конференции «XIII ломоносовские чтения», посвященной 115-летию академика Б. Гафурова (28-29 апреля 2023). – Часть II. Гуманитарные науки (Право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 170-178.

**[7-М].** Саидзода, А.М. Масоилҳои алоҳидаи тафриқагузорӣ байни расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ аз таркиби ҷиноятҳои монанд [Матн] / А.М. Саидзода // Материалы международной научно-практической конференции «Таджикистан в зеркале истории», посвященной 115-летию академика АН СССР Б.

Гафурова (27 октября 2023). – Часть I. Право, экономика. – Душанбе, 2023. – С. 159-162.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

–**Меликов У.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ;

–**Алиев Ф.Ш.** – Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

–**Ҳусейнова М.** – Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,профессори кафедраи ҳуқуқи Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковник.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавӣ дошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла зикр карда шудааст, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия бояд, ки қонунгузори давлатҳои ИДМ дар масъалаи мазкур таҳқиқ карда мешуд, фарқияти ин ҷинояти таҳқиқишаванда аз дигар ҷиноятҳои ҳамонанд, таҳқиқи объекти ҷиноят ва ғайра.

**Мукарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои *61-10* ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-ум и июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Хамчунии, интихоби муқарризони расми ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** раванди таърихии ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва хориҷӣ оид ба ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– **пешниҳод шудааст:** бо назардошти таҳлили муқоисавии ҳуқуқии танзими қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ, омӯзиши хусусиятҳои тафаккур ва таъсири эҳтимолии он ба андешидани чораҳои пешгирии ҷиноятҳои хусусияти молу мулкидошта бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, пешниҳод карда шудааст;

–**исбот шудааст:** механизмҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муайян кардани самаранокии онҳо дар пешгирии ҷиноят, барқарор намудани зарар ва таъмини адолат;

–**ҷорӣ намудани:** банди «б» қ. 3 моддаи 253 КҶ ҶТ банди «в» қ.2 моддаи 253 эътироф карда шуда, ба банди «б» қисми 3 моддаи 253 КҶ ҶТ тағйироти зерин ворид карда шавад: «б») бо расонидани зарар ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад; дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дуруст бандубаст карда шавад; фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомотҳо, инчунин, мақомоти иҷро истифода гардад. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминология, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Ҷиноятҳои иқтисодӣ» истифода шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** самаранок

ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафа, сотсиология, психология, инчунин, назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (криминология, ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонуни мурофиавии ҷиноятӣ), ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таҳлилӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, омориву криминологӣ, таърихию ҳуқуқӣ истифода бурданд.

– **баён шудани** мафҳуми фиреб ва сӯистифода аз боварӣ ва дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалияи судӣ-тафтишотӣ ва оморӣ намудҳои алоҳидаи ин ҷиноят ба гурӯҳҳои муайян ҷудо карда шудааст;

– **ошкор гардидани** расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф ҳамчун як падидаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон то соли 1961;

– **омӯхта шуданд:** қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки вобаста ба расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба вуҷуд меоянд;

– **аз нав такмил додани:** бо мақсади дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг дарк намудани мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноятҳои қасдона, инчунин ҷиҳати бартараф намудани саҳв ҳангоми бандубасти ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ дар сатҳи қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шавад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиққарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ истифода шаванд, инчунин дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки муносибатҳои молумулкиро муҳофизат мекунанд, ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

– **муайян карда шуданд**, ки аз таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба намудҳои мушаххаси расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ворид намудани меъёрҳои алоҳида лозим аст;

– **офарида шуд:** эзоҳи м. 253 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад: дар таркиби ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ зарар оддӣ шуморида мешавад, ки агар он аз як то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, зарари ҷиддӣ аз даҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, зарар ба миқдори калон аз сад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва зарар ба миқдори махсусан калон бошад – аз ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

– **муаррифӣ карда шуд:** таҳлил ва омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ зарурияти пешниҳод намудани таҳрири нави моддаи 253 КҶ ҶТ мебошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** тарафи объективии ҷинояти м. 253 КҶ ҶТ, дар азхудкунии пардохтҳои воридотӣ барои хизматрасониҳо, бо вайрон кардани қоидаҳои тартиби муқарраршуда; пинҳон кардани арзиши воқеии сохтмони манзил, ки бо мақсади напардохтани маблағи боҷи давлатӣ содир шудааст; саркашӣ аз пардохти истифодаи хизматрасониҳои коммуналӣ (газ, қувваи барқ ва ғайра); сӯиистифодаи ғайриқонунии молумулк ба мақсадҳои

шахсӣ, ки бо боварӣ барои кор супорида шудааст, саркашӣ аз пардохт барои сафари дуру дароз тавассути мошинҳои киро ва ғайра;

– **ғоя асоснок шудааст:** Унсури иродавии қасдан расонидани зарари молу мулкӣ дар он ифода меёбад, ки субъект мехоҳад, ки оқибатҳои пешбининамудаи ба ҷамъият хавфнок фаро расанд. Субъекти ҷиноят бо кирдорҳои худ мехоҳад зарари молу мулкӣ расонад, бинобар ин, агар шахс асос дошта бошад, ки ӯ ба молик ё дигар соҳибмулк зарар намерасонад, чунин амалҳо мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ бандубаст карда намешавад, зеро ки имконияти содир намудани кирдори бо м. 253 КҶ ҶТ танҳо бо қасди бевосита имкон дорад;

–**муайян шудаанд:** моликият ба сифати объекти бевоситаи м. 253 КҶ ҶТ баромад карда наметавонад. Гунаҳкор на ин, ки муносибатҳои бевоситаи молу мулкиро, балки муносибатҳои ҷамъиятиеро вайрон менамояд, ки аз муносибатҳои уҳдадорӣ бармеоянд. Дар м. 253 КҶ ҶТ предмети ҷиноят ба таври мустақил пешбинӣ шудааст, ки он моликият ба маънои васеъ мебошад;

– **истифода карда шуданд:** аз таҳлили амалияи тафтишӣ муайян карда мешавад, ки расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, бо дарназардошти моддаи 253 КҶ ҶТ дар солҳои 2012-2022 463 ҳолат содир гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ- назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 25 майи соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 12-нафар; муқобил, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Гадоев Б.С.**